*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14.*

# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Муминзода Абдукарим дар мавзуи «Мукаммалгардонии танзими давлатии фаъолияти суғурта дар шароити муосир: назария, методология ва амалия (ҷанбаҳои институтсионалии он)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Дар шароити табаддулотҳои муосири ҷаҳонӣ зарурати баланд бардоштани самаранокии соҳаи суғурта ҳамчун воситаи ҳифзи манфиатҳои молиявии шаҳрвандон, субъектҳои хоҷагидорӣ ва давлат аҳамияти хос пайдо кардааст. Соҳаи суғурта ҳамчун унсури ҷудонашавандаи инфрасохтори молиявӣ нақши муҳимеро дар таъмин ва рушди устувори иқтисоди миллӣ мебозад.

Масъалаи танзими давлатии фаъолияти суғуртавӣ ба ҳайси омили асосӣ барои таъмини шаффофият, рақобатпазирӣ, суботи молиявӣ ва ҳифзи ҳуқуқи субъектони хоҷагидор баромад мекунад. Бо вуҷуди тадбирҳои қаблан андешидашуда сатҳи пасти боварии субъектони хоҷагидор ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ширкатҳои суғуртавӣ мушоҳида мешавад. Ин нишон медиҳад, ки низоми амалкунандаи танзими давлатӣ ба талаботи иқтисоди рақамӣ, бозори озоди молиявӣ ва афзоиши таваккалҳо мувофиқ нест.

Имрӯзҳо дар Тоҷикистон ва кишварҳои ҳамсоя, назария ва методологияи муосири танзими давлатӣ дар бахши суғурта то ҳол пурра ташаккул наёфтаанд. Ҷиҳатҳои назариявӣ ва амалӣ, ба монанди таъсири сиёсати давлатӣ ба рақобатпазирии бозори суғурта, шаклҳои нави назорат, истифодаи технологияҳои рақамӣ, ҳамзамон меъёрҳои байналмилалии танзими суғуртавӣ то ҳол ба таври кофӣ таҳқиқ нашудаанд.

Бинобар ин, таҳияи механизмҳои самараноки танзими давлатӣ, мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ, бо дарназардошти шароит, имконият ва мушаххасоти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи дорои муҳтавои баланди назариявӣ ва амалӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, мавзуи таҳқиқот дорои мубрамияти илмӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ буда, ҷавобгӯ ба манфиатҳои стратегии рушди иқтисоди миллӣ мебошад.

Таҳқиқоти илмии Муминзода Абдукарим аз рӯйи мантиқ ва мазмун бонизом омода шуда, дорои ҷанбаи назариявии таҳлили категорияҳои иқтисодии марбут ба суғурта, таҳлили вазъи амалии бозори суғуртавии кишвар, пешниҳодҳои мушаххаси ислоҳоти сохторӣ, институтсионалӣ дар бахши танзими давлатӣ мебошад.

Муаллиф тавонистааст, нуқтаҳои заиф ва камбудиҳоро дар низоми танзими суғуртавӣ муайян карда, самтҳои афзалиятноки ислоҳоти давлатиро бо истинод ба таҷрибаи ҷаҳонӣ ва шароити миллӣ пешниҳод намояд.

Дар асоси натиҷаҳои бадастомада муаллифи рисолаи докторӣ тавонистааст якчанд навовариҳои илмӣ-амалиро зикр намояд:

- таҳияи моделҳои методологии нав дар танзими давлатии фаъолияти суғурта;
- ҷудокунии хусусиятҳои миллӣ ва пешниҳодҳои мутобиқгардонии стандартҳои байналмилалӣ бо инфрасохтори суғуртавии Тоҷикистон;
- мувофиқгардонии назорати давлатӣ ва худтанзимкунии бозори суғуртавӣ бо истифодаи усулҳои таҳлили хавф.

Аҳамияти илмӣ-амалии рисола дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқоти мазкур бо такя ба заминаи методологӣ ва таҳлили муфассали таҳаввулоти соҳаи суғурта дар шароити муосир иҷро гардидааст. Дар баробари ин, пешниҳодҳои муаллиф, аз қабили ворид намудани воситаҳои нави назоратӣ, таъсиси механизми мониторинги рақамӣ ва таҷдиди низоми иҷозатномадиҳӣ (лицензия) метавонанд дар раванди ислоҳоти меъёрӣ-ҳуқуқии соҳа истифода шаванд.

Дар баробари ин, таҳқиқоти диссертатсионӣ баъзе камбудиву норасоиҳо дорад:

1. Дар таҳлили вазъи бозори суғуртавии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъзе нишондиҳандаҳои оморӣ ба таври ҷудогона, бе таҳлили тамоюлӣ (динамикӣ) оварда шудаанд.

2. Талаботи инфрасохторӣ барои гузариш ба танзими рақамӣ ба таври умумӣ баррасӣ шудааст. Мебоист хусусиятҳои техникӣ, молиявӣ ва кадрии ин масъала дар автреферат мавриди баррасӣ қарор мегирифт.

Бо ибрози чунин нуктаи назарҳо метавон гуфт, ки диссертатсияи Муминзода А. ба камбудиҳои номбаркардашуда нигоҳ накарда, рисолаи доктории бо забони илмӣ таҳия гардида, таҳқиқоти мукаммал, дорои арзишҳои назариявӣ ва амалӣ буда, ба талаботи

КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Муқарриз:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**муовини ректор оид ба робитаҳои**
**байналмилалии Донишгоҳи давлатии**
**ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Ризозода Тӯра Раббим**

Суроға: 735700,Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд шаҳри Хуҷанд ,17-мкр-н, хонаи 1, Телефон: (+992) 3422 23594 E-mail: t_rizokulov@mail.ru

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризозода Тӯра Раббимро тасдиқ мекунам,
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Бобоев А. Х.

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН